**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими физикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 - Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ))**

Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович аз соли 2019 инҷониб дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 - Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) кор карда истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Парлумони кишвар аз 21 декабри соли 2021 чунин гуфтанд: «Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар. Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем».

Дастуру супоришҳои сарвари муаззами мамлакат аз дастандаркорони соҳаи маориф, алалхусус, аз донишмандони макотиби олии самти педагогӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисони болаёқатро тақозо намуда, бо натиҷаҳои ба дастомада маҳдуд нашудан, ба сифати таълиму тадрис бештар эътибор додан ва таъмини омӯзиш ва парвариши омӯзгорони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро ба миён мегузорад.

Дар давраи ҳозираи рушди ҷамъият ба вазифаҳои таълим ва тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаботҳои нав

пешниҳод карда мешавад. Аз он ҷумла, яке аз роҳҳои самараноки такмил додани таҳсилот дар асоси талаботи ҳозира амали гардонидани робитаи байнифаннӣ дар ҷараёни таълиму тарбия мебошад.

Ин ба воситаи дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани тамоюли интегратсия ва ҳамбастагии илмҳо имконпазир мегардад.

Системаи ҳозираи таълиму тарбия дар Тоҷикистон давраи гузаришро аз сар мегузаронад. Дар чунин шароит тайёрии босифати хонандагонро бо истифодаи муносибати пурраи бисёрҷанба ба таълим, ки ҳар як фанни таълимӣ ба он на ин ки ҳисса мегузорад, балки он яке аз қисматҳои система дар сохтори умумии таълим мебошад, таъмин кардан лозим аст. Яке аз вазифаҳои муҳими таълим дар муассисаҳои таълимӣ аз ташаккул додани фаҳмиши ҳолати табиӣ – илмии олам дар хонандагон, ки барои фаҳмонидани ҳодисаҳои табиат, системаи тафаккур, маҳорати дида тавонистани он ки донистани ҳар як фанни таълимӣ, ин як қисмати системаи умумии донишҳои табиатшиносӣ аст, иборат мебошад.

Дар назди омӯзгор вазифа меистад, ки хонандагонро бо методҳои илмии омӯзиши ҳодисаҳои табиат ва фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ шинос намоянд. Яъне, муносибати навъи таълимӣ дар омӯзгорон ва хонандагон ба «муносибати босалоҳият» тамоюл дорад. Муносибати мазкур робитаи зичӣ ҳамаи фанҳои таълимӣ, аз он ҷумла физика ва биологияро (ҳамчун фанҳои табиатшиносӣ) тақозо дорад. Омӯзгор бояд ба хонандагон хусусият ва чуқурии робитаи тарафҳои гуногуни объективии оламро, ки дар фанҳои таълимӣ, махсусан табиатшиносӣ инъикоси худро меёбад, кушояд.

Барои ҳалли ин проблема дар раванди таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд аз робитаи байнифаннӣ васеъ истифода карда шавад.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, рӯйхати адабиётҳо ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима интихоб ва зарурати мавзуи интихобшуда асоснок карда шуда, мақсад, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муқарар гардида, навигариҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, муқарароти асосии ба ҳимоя пешниҳодгашта, асоснок карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва педагогии робитаи байнифаннӣ» аз се зербанд ва хулоса иборат буда, дар он натиҷаи омӯзишу таҳлил ва тадқиқотҳои олимони бурунмарзӣ ва «ҳалли проблемаи робитаи байнифаннӣ дар педагогика ва амалияи таълим» – дар бораи афкори муҳаққиқони гуногун дар бораи ташаккул, рушди методикаи таълими физика, робитаи он ба дигар фаннҳо, тавсияҳои методии якумин доир ба робитаи байнифаннӣ маълумот дода мешавад.

Боби дуввуми диссертатсия «Асосҳои методии амали намудани робитаҳои байнифаннӣ бо биология дар машғулиятҳои таълими фанни физика» аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум асосҳои мазмунӣ ва фаъолиятии робитаҳои байнифаннии физика бо биология барасӣ мешавад.

Бе дониш яке аз фаъолияти мақсадноку босалоҳияти мисонро ташкил намудан ғайриимкон аст. Донишҳои физикӣ натиҷаи дарки моҳияти физикии ҳодисаҳо ва хосияти олами воқеӣ, як қисмати донишҳои умумиинсонӣ ҳисоб мешаванд. Пуррагии дониши хонандагон аз рӯйи нигоҳдории ҳамаи донишҳо дар бораи объекти илмӣ, ки барнома дар назар дорад, муайян карда мешавад. Чуқурии дониш дар бораи робитаҳои даркшавандаи мавҷудияти ин дониш бо дигарҳо таносубанд, маълумот медиҳанд.

Даркшавандагӣ таъсирнокии донишҳо дар раванди таълим синтез, муқоиса ва аналогия, ҷаъбаст ва тафриқа, басистемадарорӣ ва тасниф, баҳодиҳӣ ва истифодаи онҳо барои таҳлили мушахаси вазифаҳои таълимӣ зоҳир мегардад.

Меъёри сифати дониш-робитаи ба ҳаёт – бо дарки хонандагон аҳамияти маводи физикии омӯхташуда робитаи зич дорад. Ин меъёр аз қобилияти хонандагон оиди истифода карда тавонистани донишҳо дар вазъиятҳои ҳаёти гуногун на танҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои стандартии физика вобаста мебошад.

Дар зери донишҳои байнифаннӣ мо сатҳи нисбатан баланди ташкилият ки дар робитаи муайян ва ба ҳам зич алоқаманд, ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногун ҳосил шудаанд ва мазмуни нави фаъолияти зеҳниро нишон медиҳад, фаҳмида мешавад.

Аломатҳои хусусияти байнифаннӣ фитаи донишҳо, ки робитаи физика ва биологияро инъикос менамоянд, дар организми зинда истифода намудани робитаи мафҳумҳои физикӣ ва биологӣ, ки дар ваъияти нав синтез кардашуда, дида баромада мешавад.

Таҳлили китобҳои дарси ботаника, зоология, анатомия нишон дод, ки дар онҳо бисёр масъалаҳои биофизикӣ барои дар хонандагон ташаккул додани тасаввурохо оиди ҳолати илмӣ табии олам дар робита бо фанҳои гуногун аз он ҷумла, биология ва физика ёрии калон мерасонад.

Дараҷаи фаъолнокӣ ва мустақилиятӣ хонандагон дар раванди баамлбарории робитаи байнифаннии физика бо биология аз донишҳо, маҳорат малакаи доштаи онҳо доир ба соҳаи омӯхташаванда, инчунин аз мазмуни машғулият ва мақсадҳои гузошташуда вобаста мебошад.

Мазмуни маводии омӯзиши фаъолияти хонандагонро дар машулиятҳои таълимӣ дар назар дорад. Асоси протсесуалии робитаи байни физика бо биологияро фаъолияти таълимӣ ташкил мекунад.

Дараҷаи фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон дар раванди баамалбарории робитаи байнифании физика бо биология аз донишҳо, маҳорат ва малакаи онҳо доир ба соҳаи омӯхташаванда, инчунин мазмуни машғулият ва мақсадҳои гузошта вобаста мебошад.

Донишҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шуда, дар маҷмуъ таҳсилоти нави бо сифат донишҳои интегративӣ ҳамчун донишҳои нисбат баланду пурра, ки донишҳои гуногунро дар бар мегиранд ва дар робитаи муайян пешниҳод шудаанд, мазмуни нави фаъолияти зеҳниро нишон медиҳанд.

Боби сеюми диссертатсия «Методикаи гузаронидан ва натиҷаҳои экперименталии педагогӣ» корҳои назорати дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6 ва №9 шаҳри Бохтар, ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №4 ва №5 ноҳияи Данғара гузаронида шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар қатори маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои махсуси илмӣ ба табъ расидааст. Мо ҳисоб менамоем, ки ҳамаи масъалаҳое, ки ба нақша гирифта шудаанд ҳалли худро ёфтаанд, ва рисола сазовори ба ҳимоя пешниҳод намудан аст.

Ман итминон дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 - Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) ин оғози таҳқиқоти ҷиддӣ андар ҷодаи доманадори педагогика ва хусусан методикаи таълим ба шумор меравад ва Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович метавонад дар оянда пажӯҳишоти худро идома дода, ба муваффақиятҳои нав комёб гардад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, профессор Холназаров С.

Имзои профессор С. Холназаровро
тасдиқ мекунам. Сардори раёсати
кадрҳои Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС